«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои техники

_________ Ниёзӣ Сироҷиддин Раҷаббоқӣ
«____» ___05___ соли 2025

# ХУЛОСАИ

Шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Шарифова Санавбар Саъдулоевна 18-уми апрели соли 1979 дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2012 ба факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 2018 онро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиро аз соли 2009 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оғоз намуда, то 2020 дар донишгоҳи мазкур фаъолият намудааст. Соли 2020 ба ҳайси коргузори шуъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти хешро идома бахшидааст. Солҳои 2021-2023 ба ҳайси ходими калони илмии шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ фаъолият карда, ҳамзамон ҳамчун омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи Муассисаи тасилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе адои вазифа намудааст. Аз соли 2024 ҳамчун ходими калони илмии шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти хешро идома дода истодаст.

Шарифова Санавбар Саъдулоевна солҳои 2020-2024 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Имтиҳони номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Тарих ва фалсафаи илм - «4» (хуб) - 18.05.2021.
- Забони хориҷи (англисӣ) - «4» (хуб) - 23.11.2021.
- Ихтисос: 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) - «4» (хуб) - 17.11.2022.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №763 аз 20.12.2022 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Хуррам Раҳимзода - доктори илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардидааст.

Унвонҷӯй Шарифова Санавбар оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба накши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдулоевна бо иштироки муқарризони холис Назиров Н. - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, мудири шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Ҳусайнов А. Қ. - доктори илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Усмонзода С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ва иштирокчиёни ҷаласа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, андеша ва пешниҳоду эродҳои худро иброз намуданд.

Муқарризи холис - Назиров Н. - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, мудири шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили

стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз ҷумла, қайд намуд, ки нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон дорои мақоми махсус мебошанд. Маҳз фанни таърих аст, ки зимни омӯзиши он аз гузаштаи дури ватанамон бохабар шуда, аз арзишҳои миллии хеш огоҳ мегарданд. Вобаста ба ин нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих муҳим мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифова Санавбар ба ҳамин масъалаи муҳими педагогӣ бахшида шудааст. Муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки ин таҳқиқот таҳлили илмии мукаммал буда, ба омӯзиш ва баррасии мавзуи нақши арзишҳои миллӣ ва хусусиятҳои табиии тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих бахшида шудааст. Муҳаққиқ кушиш намудааст, ки мушкилоти тарбияи хештаншиносӣ ва нақши ҳуввияти миллиро дар он муайян ва ҳаллу фасл намоед. Ҷустуҷӯҳои илмӣ ва озмоишӣ имкон додаанд, ки дар асоси истифодаи мероси педагогии халқи тоҷик роҳҳои оқилонаи ҷорӣ намудани мафҳумҳои ахлоқӣ дар амалияи фаъолияти ҳаррӯза бо назардошти хусусиятҳои психологӣ татбиқ шаванд. Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, Назиров Н. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризи дигари холис - доктори илмҳои таърих Ҳусайнов А. Қ. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасӣ ва самарбахшии нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими таърих дар шароити муосир ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Ҳусайнов А. Қ. қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Шарифова Санавбар имкон медиҳад, ки дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи нақши арзишҳои миллиро дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ҳамчун заминаи бунёдӣ - методологии татбиқи тарбияи худшиносӣ, роҳу равиши онро ҳамчун омили боэътимод эътироф намуда, ҳаллу фасл карда шавад.

Мавсуф афзуд, масъалаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи худшиносии миллӣ, ки характери ватандӯстӣ доранд, ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим бо роҳи истифода аз моделҳои

дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳуввияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон, унвонҷуён, донишҷӯёни факултетҳои таърих ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти амалӣ дошта метавонад. Аз ин рӯ, пешниҳод кард, ки диссертатсияи Шарифова С. С. барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ манзур карда шавад.

Муқарризи дигар, Усмонзода С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон қайд карданд, ки муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдуллоевна дар он собит мешавад, ки дар замони ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тараққиёти илму техникаи муосир, ки сарҳадҳои муоширати халқу миллатҳоро барҳам медиҳад, эҳтиёҷ ба ҳуввияти миллӣ ва тарбияи хештаншиносӣ шарт ва зарур аст. Барои илми педагогикаи тоҷик тадқиқоте, ки доир ба нақши ҳуввияти миллӣ ва тарбияи худшиносӣ зимни таълими фанни таърих ба анҷом расонида шудааст ва аҳамияти бузурге дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон ва махсусан, зимни таълими фанни таърих як силсила масъалаҳои норавшан мондаанд, ки таҳқиқ ва ҳаллу фаслро тақозо менамояд.

Дар хулосаи худ номзади илмҳои педагогӣ Усмонзода С. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Довталаб зимни таҳқиқоти худ нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагонро зимни таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст. Аз ҷумла,

- таҳлили илмию педагогии шаклу усулҳои самарабахши омода намудани хонандагон зимни таълими фанни таърих дар асоси анъанаҳои миллии хештаншиносӣ;

- ақидаҳои назариявии муҳаққиқонро омӯзиш ва таҳлил намуда, паҳлӯҳои гуногуни мавзуи нақши арзишҳои миллро зимни таълими фанни таърих ошкор сохтааст;

- хусусиятҳои истифодаи тарбияи худшиносии хонандагонро зимни таълими фанни таърих дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ муайян намудааст;

- тарзу усулҳои таҳлилу тадқиқ намудани рушди ҳуввияти миллӣ тарбияи худшиносии хонандагонро ҳангоми таълими фанни таърих ташкил ва ташхиси озмоишию таҷрибавӣ намудааст;

- тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба рушди ҳувияти миллӣ, тарбияи худшиносии хонандагон ҳангоми таълими фанни таърих таҳия гардидаанд.

Зимни иҷрои мақсаду вазифаҳо ва таҳқиқоти илмӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- дар асоси истифодаи мероси педагогии халқи тоҷик, роҳҳои оқилонаи ҷорӣ намудани мафҳумҳои ахлоқӣ, тарбияи худшиносии хонандагон ҳангоми таълими фанни таърих ба мақсад мувофиқ аст;

- дар амалияи фаъолияти ҳаррӯза равишҳо ва тавсияҳои консептуалӣ барои омӯзгорони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва олии касбӣ дар асоси мафҳумҳои «хештаншиносӣ», «ватандӯстӣ» ва «таҳаммулпазирӣ» фаъолият намоянд;

- усулҳои пуртаъсир ҷиҳати таҳия намудани технологияи ҳавасмандгардонии хонандагони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои дарки анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ таҳия гарданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии таълими худшиносии миллӣ ва болоравии ҳисси дарки арзишҳои миллӣ дар хонандагон тавассути фанни таърих санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида ва таълими фанни таърих ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд. Мазмун ва муқаррароти асосии диссертатсия дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтаанд:

***1. Мақолаҳое,ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и Федерацияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд***:

[1-М] Шарифова С. С. Асосҳои педагогии тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҷодкориву созандагӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф: №1.(33), - Душанбе - 2021. - С.112-119.

[2-М] Зарифи Н., Шарифова С. Тарбияи иҷтимоӣ ва мутобиқшавии инсон ба ҳаёти иҷтимоӣ // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, шумораи №1 (5). - Душанбе, - 2021. - С.61-69.

[3-М] Тоҳириён Ш. Т., Шарифова С. С. // Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, № 4 (40), - Душанбе, - 2022 .- С 135-140.

[4-М] Шарифова С. С. Тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстии хонандагон зимни таълими мавзуи Темурмалик сарвари мудофиа дар синфи 7-ум // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №2 (38), - Душанбе, - 2022 .- С.146-151.

[5-М] Шарифова С. С. Таълими арзишҳои миллӣ ва алоқаи он бо пажӯҳишҳои илмӣ аз нигоҳи назариявӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ. №3 (28). – Кулоб. - 2022. – С.75 – 81.

[6-М] Тоҳириён Ш. Т., Шарифова С. С. // Асосҳои рушди таффакури хонандагони синфҳои ибтидои ба воситаи афсонаҳои халқи тоҷик // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №1 (46), - Душанбе, - 2023 .- С.103 – 110.

[7-М] Раҳимзода Х. Шарифова С. С. Татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими фанни таърихи умумӣ // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, № 4, (44) - Душанбе, - 2023 – С.226- 232.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокдорон ҷаласаи васеи семинари илмӣ - методӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими таърих» кори илмии мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими таърих» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия руйи ихтихоси (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими таърих» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии муштараки диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию

китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳасанзода Юнус мураттаб шуда, 2 майи соли 2025, протоколи №03 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 17 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимю китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, н.и.с. Назиров Н.

Котиби ҷаласа, ходими калони илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимю китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳасанзода Ю.

Имзои Н. Назиров ва Ю. Ҳасанзодаро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Акаддемияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.